

АЗ ҲИКОЁТИ
«БӮСТОН»-И
САЪДИИ ШЕРОЗӢ

БОЗГӮЙИИ ГУЛНАЗАР

# МАРДИ ФОЗИЛ ВА МАРДИ ФИРЕБГАР

«САД ПАНД»



**КИТОБРО ДАР МӮҲЛАТИ ҚАЙДШУДА БАРГАРДОНЕД**

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | 10.04.15 | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |

ЧДММ «Ҳочӣ Ҳасан»

Мсл moy 2
К-46

АЗ ҲИКОЁТИ
«БӮСТОН»-И
САЪДИИ ШЕРОЗӢ

БОЗГӮЙИ ГУЛНАЗАР

# МАРДИ ФОЗИЛ ВА МАРДИ ФИРЕБГАР

Китобхонаи давлатии ... Ҷумҳурии То... ба номи М. М...
15.90
ч/з

**ББК 83,8+83,3(2тоҷик)**
**М-83**

**М-83. Марди фозил ва марди фиребгар .**
Душанбе, «Адабиёти бачағона», 2012.-12 саҳ.

Муассисаи нашриявии «Адабиёти бачагона» тасмим гирифтааст, ки аз ашъори безаволи классикони адабиёти форс-тоҷик силсилакитобҳоро бо номи «Сад панд» барои шумо, хонандагони хурдакаки азизу меҳрубон, дар шакли китобчаҳои пурнақшу нигор нашр намояд. Инак, оғози ин силсила аз қиссаву ривоятҳои пандомӯзу ибратангези маснавии безаволи «Бӯстон»-и носеҳи бузурги форс-тоҷик Шайх Саъдии Шерозӣ 10 китобча, ки Шоири халқии Тоҷикистон Гулназар мураттаб намудааст, ибтидо мегирад ва пешкашатон мегардад.

ISBN 978-99947-838-7-8 © «АДАБИЁТИ БАЧАГОНА», 2012

Як марди фиребгару дурӯғгӯй назди фозиле омад ва ба нолиш сар кард:

–Ҳолам бад аст. Намедонам, чӣ кор кунам.

Фозили раҳмдилу инсондӯст пурсид:

– Чӣ сахтие ба сарат омад?

Марди фиребгар ҳамоно менолид:

–Аз як беинсоф чанд танга қарз гирифта будам. Ҳеҷ имкон даст намедиҳад, ки қарзро баргардонам. Марди қарздода бисёр бераҳм аст. Шабу рӯз маро таъқиб мекунад. Аз ҷонам сер шудам.

Марди фозил ашкҳои шашқатори фиребгарро диду дилаш бисёр сӯхт, пурсид:

– Чӣ қадар қарздор ҳастӣ?

– Даҳ дирам!





Адабиёти бачагона

–Барои даҳ дирам ғам махӯр ва ҳеҷ гоҳ ба ҷони худ қасд макун.

Марди фозили некӯном инро гуфту даст ба ҷайб бурд ва даҳ дирам ба марди фиребгару дурӯғгӯй дод.

Марди қаллоб дирамҳоро аз кафи некӯмард рабуду ҳамчун боди ёвагард дар як чашмак задан дар кӯчаву паскӯчаҳо гайб зад.

Марди раҳгузаре, ки ин муомиларо наззора мекард, ба назди фозили некандеш омаду бо мазаммат гуфт:

–Ту чӣ кор кардӣ? Ин дурӯғгӯи қаллоби берӯю риёро дар шаҳр ҳама мешиносанд. Аз ӯ, чун аз оташ, ҳазар мекунанд, худро ба канор мекашанд.

Фозили накӯном пурсид:

– Ман ҳам бояд чунин мекардам?

Раҳгузар ҷавоб дод:

–Оре! Бояд чунин мекардӣ. Вай



туро фиреб дод ва дах дираматро ба ғорат бурд.

Марди фозил риши сафеди худро молиш дода – молиш дода, хеле ба хаёл рафт, баъд ба ҳамсӯҳбаташ рӯ оварда:

–Медонӣ, ту ҳақ нестӣ. Агар ман ба ӯ бовар намекардаму дирам намедодам, вай дар назди мардум хиҷолат мекашид. Ва баръакс, агар ба суханҳои ин қаллоб бовар кардаам, ман обрӯю эътибори худро наҷот додаам. Поси номи неку манзалат бисёр муҳим аст ва ин амал на аз дасти ҳар кас меояд.

**Байт:**

**Баду некро базл кун симу зар,**
**Ки ин касби хайр асту он дафъи шар.**

Адабиёти бачагона



АЗ ҲИКОЁТИ
«БӮСТОН»-И
САЪДИИ ШЕРОЗӢ

БОЗГӮЙИ ГУЛНАЗАР

# МАРДИ ФОЗИЛ ВА МАРДИ ФИРЕБГАР

Муҳаррир Наҷмиддин Салоҳиддинзода
Муҳаррири техникӣ Зебо Ҷураева
Тарроҳ ва ороишгар Рифкат Галимов
Ҳуруфчин Гулноз Шокирова

Ба чопаш 10.02.2012 имзо шуд. Андозаи 60х84 1/8.
Коғази бурандуд. Чопи офсетӣ. Гарнитураи Times New Roman Tj.
Ҷузъи чопӣ 0,375. Адади нашр 5000 нусха.
Супориши №24/2012 (АБ0024)

Муассисаи нашриявии «Адабиёти бачагона»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734018, Душанбе, к. Н. Қаробоев, 17.
Тел: 98-103-16-75. E-mail: najmiddin64@mail.ru
Сайти муассиса: http://www.adabiet.tj

Адабиёти бачагона

9789994758623